# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҷидзода Бахринисо Маҳмадҷон дар мавзуи “Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.**

Омӯзиш, таҳлил ва баррасии вожаву истилоҳоти ҳар соҳа, аз ҷумла соҳаи тиб аз нигоҳи таърихи рушду густариш, марҳилаҳои инкишоф, роҳу усулҳои ташаккули онҳо, бавижа дар осори бархе аз мутафаккирон яке аз масъалаҳои асосӣ ва муҳимму боарзиш дар илми забоншиносии тоҷик ба ҳисоб меравад. Таҳқиқи масъалаи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ яке аз масоили муҳимми илми забоншиносӣ буда, зиёда аз ним аср аст, ки диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст ва ба масъалаи вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ рӯй овардани муҳаққиқи ҷавон Маҷидзода Бахринисо Маҳмадҷон низ бесабаб нест.

Дар осори гаронбаҳои Закариёи Розӣ истилоҳоти соҳаи тиб як бахши муайянеро ташкил медиҳанд, ки таҳлил ва баррасии онҳо дорои арзиши илмӣ мебошанд. Вижагиҳои маъноӣ ва сохтори истилоҳоти тиббӣ то имрӯз ба таври комил мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳқиқи он дар илми забонишиносӣ муҳим буда, метавонад барои танзими истилоҳоти мавриди назар мусоидат намояд.

**Боби аввали** диссертатсия **“Масъалаҳои омӯзиши истилоҳоти тиббӣ дар забоншиносӣ”** буда, аз чор фасл иборат мебошад. Дар боби мазкур муҳаққиқ кӯшидааст, ки ба масоили омузиши истилоҳоти тиббӣ, ҷанбаҳои назарӣ, баррасии истилоҳот ва нақши Закариёи Розӣ бо таълифи “Тибби Мансурӣ” рӯшанӣ андозад.

Дар **боби дуюми** диссертатсия - “**Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ”** унвон дошта, панҷ фасл ва ҳашт зерфаслро дарбар гирифтааст. Дар ин боб унвонҷӯ бо такя ба маводи назариявии илми забоншиносӣ, оид ба масъалаҳои калимасозӣ ва мавқеи истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ кори таҳқиқотӣ анҷом дода, вижагиҳои калимасозӣ ва мавқеи корбурди истилоҳоти тиббиро аз ҷониби муаллифи асар хеле хуб арзёбӣ намудааст.

**Боби сеюми** диссертатсия бошад, ки “**Истилоҳоти иқтибосии тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ”** ном дорад, муаллиф онро ба се фасл ҷудо намуда, масоили марбут ба ин бобро хеле бо маврид ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар боби мазкур асосан масъалаи гурӯҳбандии истилоҳоти иқтибосии тиббӣ, дар мисоли маводи юнонӣ, ҳиндӣ, арабӣ ба назар гирифта шуда, масоили мазкур хеле возеҳу равшан мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Моҳияти илмии автореферат, аз назари забоншиносӣ қобили қабул буда, муаллиф барои таълифи фишурдаи диссертатсияи мазкур аз осори таҳқиқотии муҳаққиқони зиёд, хеле бомаврид истифода бурдааст.

Автореферат бо забони хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки муаллифи фишурда дар ин ҷода заҳмати зиёд кашидааст.

Дар баробари муваффақияти кор дар таълифу бандубасти фишурдаи рисола баъзе ғалатҳои имлоӣ, услубӣ, китобӣ ва мантиқие роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо боиси беҳтар гардидани ҳусни фишурда хоҳад буд.

1. Дар навишти истилоҳоти ба хатти арабӣ истилоҳоти зерин ғалат навишта шудааст. Чунончӣ: ба ҷои фулфул дар арабӣ “мулфулфул” (с.21), ба ҷои истилоҳи фулфулмӯӣ “муйфулфул” навишта шудааст.
2. Дар саҳифаҳои 14, 18, 20, 21 ғалатҳои имлоӣ ва мантиқӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо барои нафъи кор мебошад.
3. Инчунин дар саҳифаҳои 9, 13, 14, 18 ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ низ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо боиси беҳтар гардидани ҳусни фишурда хоҳад буд.

Ғалатҳои ҷузъӣ ва саҳву хатоҳои дар боло зикршуда, ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиш ва аҳаммияти аслии илмию амалии кори таҳқиқгардида таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои бачопрасонидаи муаллиф мухтавои асосии рисоларо инъикос менамояд. Таҳқиқоти диссертатсионии Маҷидзода Бахринисо Маҳмадҷон бо ихтисоси илмии интихобнамудааш комилан мувофиқат мекунад.

Ҳамин тавр, фишурдаи Маҷидзода Бахринисо Маҳмадҷон дар мавзуи “Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ” ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии **номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 -Забони тоҷикӣ** сазовор мебошад.


**Тақриздиҳанда**:
Номзади илмҳои филологӣ,
ходими калони илмии Институти
забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳ Рӯдакии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Шарифова Гулҷаҳон Мирзозарифовна

**Нишонӣ:**
ш. Душанбе, ноҳияи Сино,
маҳаллаи Гипрозем 30/7, ҳ.6
Телефон: (+992) 93-502-09-89
E-mail:guljahon2011.09@inbox.ru


ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО

Имзои Г. Шарифоваро тасдиқ мекунам.
Нозири кадрҳои Институти забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Давлатов Фирдавс Қосимович


**Нишонӣ:** 174025 Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21